# ҚАРОРИ
# ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
**№ 2**

**аз 12 июни соли 2014** **ш. Душанбе**

**Дар бораи таҷрибаи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани қонунгузорӣ марбут ба таъини намуди муассисаҳои ислоҳӣ нисбати шахсони ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкумгардида**

Бо мақсади таъмини таҷрибаи ягонаи татбиқи меъёрҳои Кодексҳои ҷиноятӣ, мурофиавии ҷиноятӣ, иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, Конвенсия дар бораи расонидани ёрии ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ аз рӯи парвандаҳои гражданӣ, оилавӣ ва ҷиноятӣ (Кишинев, 7 октябри соли 2002), Конвенсия дар бораи додани шахсони ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкумгардида ҷиҳати адои минбаъдаи ҷазо (Москва, 6 марти соли 1998) ва бинобар ба миён омадани масъалаҳо ҳангоми таъини намуди муассисаҳои ислоҳӣ нисбат ба маҳкумшудагони аз озодӣ маҳрумгардида, дар асоси моддаи 27 Конуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,-

**Қ а р о р к а р д:**

1.Диққати судҳо ба зарурати риояи талаботи моддаи 58 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КҶ) оид ба тартиби таъини намуди муассисаи ислоҳие, ки дар он шахси ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкумшуда бояд ҷазоро адо намояд, ҷалб карда шавад. Бояд дар назар дошт, ки ба ғайр аз асосҳои дар қисми 7-и моддаи 58 КҶ пешбинишуда, қонун имконияти таъини ин ё он намуди муассисаи ислоҳиро мутобиқи салоҳдиди суд истисно менамояд.

Бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 ноябри соли 1995 ба моддаи $7^1$ КҶ(дар таҳрири соли 1961) тағйиру иловаҳо ворид гардида, аввалин маротиба мафҳуми ҷинояти махсусан вазнин, ки дар мавриди муайян кардани намуди низом ба инобат гирифта мешавад, дода шуд ва мутобиқи сархати 6 қисми 4 моддаи 23 КҶ нисбати шахсоне, ки барои содир намудани ҷинояти махсусан вазнин маҳкум гардидаанд ё қаблан ҷазои маҳрум сохтан аз озодиро адо намудаанд, таъини адои ҷазо дар колонияи ислоҳии дорои низоми сахт пешбинӣ шуд.

Аз ин лиҳоз, нисбати шахсе, ки барои то 4 ноябри соли 1995 содир намудани ҷиноят маҳкум гардидааст, намуди муассисаи ислоҳӣ тибқи талаботи моддаи 23 КҶ (дар таҳрири соли 1961) то ворид намудани тағйиру иловаҳои дар боло номбурда таъин карда мешавад, агар бо ин вазъи маҳкумшуда бадтар нагардад.

2. Тибқи талаботи банди «а» қисми 5 моддаи 58 КҶ барои шахсоне, ки аз беэҳтиётӣ ҷиноят содир намуда, ба муҳлати на зиёдтар аз панҷ сол ба

маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шудаанд, адои ҷазо дар колонияи ислоҳии сукунат таъин карда мешавад.

Дар мавриди маҳкум кардани шахсе, ки қаблан ҷазои маҳрум сохтан аз озодиро адо накардааст, барои маҷмӯи ҷиноятҳо ё аз рӯи маҷмӯи ҳукмҳо, ки ҷиноятҳои начандон вазнин ва (ё) дараҷаи миёна, инчунин ҷинояти вазнинро дар бар мегиранд ва нисбаташ барои содир намудани ҷинояти вазнин ҷазои бо маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманднабуда, барои ҷиноятҳои начандон вазнин ё дараҷаи миёна бошад ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ таъин карда шудааст, низоми колонияи ислоҳӣ мутобиқи банди «б» қисми 5 моддаи 58 КҶ таъин карда мешавад, ки суд бояд ҳукми қабулнамудаашро асоснок намояд.

3. Судҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки ҳангоми таъини ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ барои маҷмӯи ҷиноятҳо ё аз рӯи маҷмӯи ҳукмҳо, намуди муассисаи ислоҳӣ пас аз таъини ҷазои ниҳоӣ муайян карда мешавад.

4. Агар шахс барои маҷмӯи ҷиноятҳо маҳкум гардида, яке аз онҳо қасдона, дигараш аз беэҳтиётӣ содир шуда бошад, дар баробари ин ҷинояти қасдона ба гуруҳи ҷиноятҳои начандон вазнин ё дараҷаи миёна мансуб ва шахс қаблан ҷазои маҳрум сохтан аз озодиро адо накарда бошад, адои ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ мутобиқи банди «б» қисми 5 моддаи 58 КҶ дар колонияҳои ислоҳии дорои низоми умумӣ таъин карда мешавад.

Мавриди маҳкум кардани шахс ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ барои содир намудани ҷиноятҳои вазнин, адои ҷазо тибқи банди «в» қисми 5 моддаи 58 КҶ дар колонияҳои ислоҳии дорои низоми пурзӯр таъин карда мешавад.

Мувофиқи банди «г» қисми 5 моддаи 58 КҶ барои шахсоне, ки бори аввал ба маҳрум сохтан аз озодӣ барои содир намудани ҷиноятҳои махсусан вазнин маҳкум шудаанд, инчунин ҳангоми ретсидиви ҷиноят, агар маҳкумшуда ҷазои маҳрум сохтан аз озодиро адо карда истода бошад ё қаблан ин намуди ҷазоро адо карда бошад, адои ҷазо дар колонияҳои ислоҳии дорои низоми сахт таъин карда мешавад.

Новобаста аз он ки дар Кодекси ҷиноятӣ масъалаи таъини низоми колонияи ислоҳӣ ҳангоми ретсидиви хавфнок номуайян бошад ҳам, бояд дар назар дошт, ки қоидаи банди «г» қисми 5 моддаи 58 КҶ дар ҳолати ретсидиви хавфноки ҷиноят низ татбиқ карда мешавад.

Дар сурати маҳкум кардани шахс ба маҳрум сохтан аз озодӣ барои содир намудани ҷинояти вазнин, ки қаблан ин намуди ҷазоро адо карда бошаду ҳаракатҳои ӯ ретсидивро ташкил надиҳанд (масалан, агар ҷазои маҳрум сохтан аз озодиро барои содир намудани ҷинояти беэҳтиётӣ ё дар давраи то ҳаждаҳсолагиаш адо карда бошад) намуди колонияи ислоҳӣ нисбаташ тибқи банди «в» қисми 5 моддаи 58 КҶ таъин карда мешавад, зеро шарти ҳатмии таъини колонияи ислоҳии дорои низоми сахт содир намудани ҷиноятҳо ҳангоми ретсидиви ҷиноят мебошад.

5. Шахс дар сурате қаблан ҷазои маҳрум сохтан аз озодиро адонамуда ҳисобида мешавад, агар барои қаблан содир намудани ҷиноят ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум гардида, ҷазоро дар колонияи ислоҳӣ, маҳбас, муассисаи муолиҷавии ислоҳӣ ё изолятори (тавқифгоҳи) тафтишотӣ ҳангоми пешбурди ҳаракатҳои тафтишотӣ оид ба парвандаи ҷиноятии шахси дигар ё

барои иҷрои корҳои хизматрасонии хоҷагидорӣ алоқамандбуда, адо намуда (моддаҳои 75-76 Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КИҶҶ), доғи судиаш барои ҷинояти мазкур дар лаҳзаи содир намудани ҷинояти нав бардошта нашуда ва ё барҳам нахӯрда бошад.

Ба шахсони қаблан адонамудаи ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ инчунин инҳо дохил мешаванд:

а) шахсони ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ шартан маҳкумгардидае, ки бо асосҳои дар қисмҳои ҳафт, ҳашти моддаи 71 КҶ пешбинишуда барои адои ҷазо ба муассисаи ислоҳӣ фиристонида шудаанд;

б) занони ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкумгардида, ки бинобар адо намудани қисми муҳлати ҷазо аз муассисаи ислоҳӣ озод гардида, тибқи талаботи моддаи 78 КҶ ҷазо нисбаташон мавқуф гузошта шудааст;

в) шахсони нисбаташон ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ таъингардида, ки бинобар адо намудани қисми муҳлати ҷазо аз муассисаи ислоҳӣ шартан пеш аз муҳлат ё бо татбиқи санади авф ва бахшиши ҷазо, ё бо сабаби беморӣ (моддаи 79 КҶ) аз адои ҷазо озод карда, ё қисми адонагардидаи ҷазояшон ба ҷазои нисбатан сабуктар иваз карда шудааст;

г) шахсони бо ҳукми суди давлати дигар (аз ҷумла, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил) ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкумгардида ва барои адои минбаъдаи ҷазо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуда, ки ҷазоро дар асоси қарор дар бораи иҷрои ҳукм дар муассисаҳои ислоҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон адо намудаанд, инчунин шахсони бо ҳукми суди давлатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил то барҳам хӯрдани ИҶШС ҷазоро дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ адо намудаанд ва доғи судӣ доранд (қисми 2 моддаи 99 Конвенсия дар бораи расонидани ёрии ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ аз рӯи парвандаҳои гражданӣ, оилавӣ ва ҷиноятӣ (Кишинев, 7 октябри соли 2002);

6. Ба шахсони қаблан ҷазои маҳрум сохтан аз озодиро адонакарда инҳо дохил мешаванд:

а) шахсони ба ҷазоҳои ҷарима, корҳои ҳатмӣ ё ислоҳӣ, маҳдуд кардани озодӣ маҳкумгардида, ки бо асосҳои пешбининамудаи қисми 9 моддаи 49, қисми 3 моддаи 52 ва қисми 3 моддаи 54 КҶ ин намуди ҷазоҳо нисбаташон ба маҳрум сохтан аз озодӣ иваз карда шудаанд;

б) шахсоне, ки нисбаташон суд бар ивази маҳрум сохтан аз озодӣ тибқи қисми 4 моддаи 56 КҶ ҷазои нигоҳ доштан дар қисми ҳарбии интизомиро таъин кардааст;

в) шахсони бо ҳукми суд ҷазои маҳрум сохтан аз озодиро дар муассисаи ислоҳӣ адокардаистода, ки ба тариқи назоратӣ нисбаташон ҳукм бо қатъ намудани парванда бекор ё тағйир дода, ҷазои ба маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманднабуда ё шартан татбиқ накардани ҷазо таъин карда шудааст;

г) шахсони ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкумгардида, ки воқеан дар муассисаи ислоҳӣ ҷазоро бинобар нисбаташон татбиқ гардидани санади авф ё бахшиши ҷазо адо накардаанд, ё ҳукм нисбаташон бинобар гузаштани муҳлати бо қонун муқарраршуда иҷро нагардидааст;

д) шахсоне, ки ҷазои маҳрум сохтан аз озодиро адо намудаанду баъдан барои содир намудани ҷинояти то баровардани ҳукм аз рӯи парвандаи аввал ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум гардидаанд;

е) шахсони ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкумгардидае, ки ҷазоро дар ҷойҳои маҳруми аз озодӣ барои кирдоре адо намудаанд, ки ҷиноят ва ҷазои он бо қонуни амалкунанда бартараф карда мешавад, инчунин агар бо қонуни амалкунанда нисбати чунин кирдор ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ пешбинӣ нашуда бошад;

ж) шахсони қаблан ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ дар доираи мӯҳлати дар ҳабс ҳамчун чораи пешгирӣ қарордошта маҳкумгардида, зеро онҳо ҷазоро дар муассисаи ислоҳӣ адо накардаанд.

7. Мутобиқи талаботи банди «д» қисми 5 моддаи 58 КҶ нисбати шахсоне, ки дар ҳолати ретсидиви махсусан хавфнок, инчунин нисбати маҳкумшудагоне, ки ба онҳо ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум сохтан таъин шудааст ё ҷазои қатл дар асоси санади авф ё тибқи тартиби бахшиши ҷазо ба маҳрум сохтан аз озодӣ иваз карда шудааст, адои ҷазо дар колонияи ислоҳии дорои низоми махсус таъин карда мешавад.

8. Ба шахсоне, ки барои ҷиноятҳои махсусан вазнин ба мӯҳлати зиёда аз даҳ сол маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шудаанд, инчунин дар ҳолати ретсидиви махсусан хавфнок, тибқи талаботи банди «е» қисми 5 моддаи 58 КҶ мумкин аст адои қисми мӯҳлати ҷазо, вале на зиёда аз 5 сол дар маҳбас таъин карда шавад. Дар чунин ҳолат судҳо бояд дар ҳукм қарори қабулшударо бо қайди мӯҳлати ҷазое, ки дар маҳбас таъин гардидааст, асоснок намоянд.

Бояд дар назар дошт, ки пас аз адо намудани ҷазо дар маҳбас, маҳкумшуда барои содир намудани ҷинояти махсусан вазнин мӯҳлати боқимондаро дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ дар колонияи ислоҳии дорои низоми сахт, дар ҳолати ретсидиви махсусан хавфнок бошад, дар колонияи ислоҳии дорои низоми махсус адо менамояд ва дар ин хусус бояд дар ҳукм нишон дода шавад.

9. Судҳо бояд ба инобат гиранд, ки ҳангоми мавҷуд будани асосҳои дар банди «е» қисми 5 моддаи 58 КҶ пешбинишуда нисбати шахсе, ки барои маҷмӯи ҷиноятҳо ё аз рӯи маҷмӯи ҳукмҳо ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ, аз ҷумла дар ҳолати ретсидиви махсусан хавфнок маҳкум карда шудааст, мумкин аст адои қисми мӯҳлати ҷазо дар маҳбас, вале на зиёда аз 5 сол таъин карда шавад.

10. Агар шахс ҳангоми адои ҷазо дар маҳбас ҷинояти нав содир намояд, ба суд зарур аст, ки нисбати ӯ ҷазоро аз рӯи маҷмӯи ҳукмҳо таъин намуда, муайян созад, ки кадом қисми он дар маҳбас бояд адо карда шавад. Намуди низоми колонияи ислоҳие, ки маҳкумшуда барои адои қисми боқимондаи мӯҳлати ҷазо фиристода мешавад, тибқи талаботи моддаи 58 КҶ муайян карда шуда, дар ҳукм дарҷ меёбад.

11. Судҳо бояд ба инобат гиранд, ки ҳангоми ҳалли масъалаи аз маҳбас ба колонияи ислоҳӣ барои адои минбаъдаи ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ гузаронидани маҳкумшуда (қисми 2 моддаи 79 КИҶҶ),вақте ки дар муддати он маҳкумшуда дар изолятори (тавқифгоҳи) тафтишотӣ нигоҳ дошта

шудааст, ба муҳлати таъингардидаи адои ҷазо дар маҳбас, ки аз рӯзи ворид кардани маҳкумшуда ба он ҳисобӣ карда мешавад, дохил намегардад.

12. Мутобиқи талаботи қисми 4 моддаи 21 КҶ ҳангоми эътирофи ретсидиви ҷиноят барои ҷиноятe, ки шахс то синни ҳаждаҳсолагӣ содир намудааст, доғи судие, ки мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи моддаҳои 82-83 КҶ бардошта шудааст ва ё мувофиқи моддаи 84 КҶ барҳам хӯрдааст ё бардошта шудааст, инчунин барои ҷинояти аз беэҳтиётӣ содиргардида ба инобат гирифта намешавад, аз ин лиҳоз, барои таъин кардани адои ҷазо дар колонияҳои ислоҳии дорои низоми сахт ё махсус асос намегардад.

13. Тибқи талаботи банди «а» қисми 6 моддаи 58 КҶ ба занони ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкумшуда дар ҳолати ретсидиви махсусан хавфнок адои ҷазо дар колонияҳои ислоҳии дорои низоми сахт таъин карда мешавад.

Ба заноне, ки барои содир намудани ҷиноят аз беэҳтиётӣ ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум карда шудаанд, новобаста аз муҳлати ҷазои таъингардида, адои ҷазо дар колонияи ислоҳии сукунат таъин карда мешавад (банди «б» қисми 6 моддаи 58 КҶ).

Судҳо бояд ба эътибор гиранд, ки нисбати заноне, ки барои содир намудани ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум гардидаанд, новобаста аз ретсидив ё ретсидиви хавфноки ҷиноят ё ҷазои маҳрум сохтан аз озодиро барои ҷиноятҳои қаблан содирнамуда адо намудан, адои ҷазо дар колонияҳои ислоҳии дорои низоми умумӣ таъин карда мешавад (банди «в» қисми 6 моддаи 58 КҶ).

Нисбати занони ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкумгардида адои ҷазо дар маҳбас таъин карда намешавад.

14. Мутобиқи талаботи қисми 7 моддаи 58 КҶ вобаста аз хусусият ва дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷинояти содиршуда, шахсияти гунаҳгор ва дигар ҳолатҳои парванда, суд метавонад бо зикри асосҳои қарори қабулнамудаи худ низоми сабуктари адои ҷазои маҳрум сохтан аз озодиро таъин намояд.

Ҳангоми ҳалли масъалаи нисбати маҳкумшуда таъин намудани низоми сабуктари адои ҷазо (дар колонияи ислоҳии сукунат ё дорои низоми умумӣ) ба судҳо зарур аст ба ҳолатҳое, ки шахсияти гунаҳгорро тавсиф медиҳанд, аз ҷумла рафтори ӯ то содир намудани ҷиноят, хусусияту дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷинояти содиршуда, мавҷудияти доғи судӣ ва хусусияти ҷиноятҳое, ки қаблан содир намудааст, рафтори ӯ дар изолятори (тавқифгоҳи) тафишотӣ, колонияи ислоҳӣ, агар шахс қаблан ҷазои маҳрум сохтан аз озодиро адо карда бошад (нисбати шахсе, ки ҷиноятро аз беэҳтиётӣ содир намудааст), инчунин маълумот дар бораи вазъи саломатӣ ва муҳтоҷи татбиқи чораҳои маҷбурии хусусияти тиббидошта будан, доштани фарзандони ноболиғ ва дигар ҳолатҳо таваҷҷуҳ зоҳир намоянд.

Дар мавриди таъини намуди муассисаи ислоҳӣ бояд дар назар дошт, ки мутобиқи талаботи банди «в» қисми 3 моддаи 80 КИҶҶ дар колонияҳои ислоҳии сукунат чораҳои маҷбурии хусусияти тиббидошта зидди майзадагӣ, нашъамандӣ ва токсикоманӣ ба амал бароварда намешаванд.

15. Ҳангоми адои ҷазо иваз кардани намуди муассисаи ислоҳӣ нисбати маҳкумшудагон аз тарафи суди маҳалли адои ҷазо дар асоси аризаи маҳкумшуда ё бо пешниҳоди сардори муассисаи ислоҳӣ (қисмҳои 2 ва 4

моддаи 80 КИҶҶ) тибқи талаботи моддаҳои 400-401 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КМҶ) сурат мегирад.

Маҳкумшудагоне, ки дар қисми 3 моддаи 80 КИҶҶ номбар шудаанд, ба колонияи ислоҳии сукунат гузаронида намешаванд.

Мутобиқи талаботи қисми 6 моддаи 80 КИҶҶ, агар суд аризаи маҳкумшуда ё пешниҳоди сардори муассисаи ислоҳиро дар бораи гузаронидан аз маҳбас ба колонияи ислоҳӣ, аз колонияи ислоҳӣ ба колонияи ислоҳии сукунат рад намояд, он гоҳ баррасии такрории ариза ё пешниҳод марбут ба масъалаи мазкур танҳо пас аз гузаштани шаш моҳ аз рӯзи қабули қарор дар бораи рад кардани ариза ё пешниҳод имконпазир мегардад.

Дар сурати аз ҷониби маҳкумшуда ашаддӣ вайрон кардани тартиби муқарраршудаи адои ҷазо дар колонияи ислоҳии дорои низоми сахт, қонун баргардонидани ӯро ба колонияи ислоҳии дорои низоми махсус, ки аз он ба муассисаи дорои низоми сахт интиқол дода шудааст, пешбинӣ накардааст. Нисбати ин шахсон аз тарафи маъмурияти муассисаи ислоҳӣ чораҳои муҷозотӣ, ки бо моддаи 120 КИҶҶ пешбинӣ шудаанд, татбиқ гардида, инчунин аз ҷониби суд онҳо аз колонияи ислоҳии дорои низоми сахт ба маҳбас тибқи талаботи банди «в» қисми 4 моддаи 80 КИҶҶ ба муҳлати на зиёда аз се сол гузаронида мешаванд.

16. Ба ноболиғони ҷинси марде, ки бори аввал ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум гардидаанд, инчунин ноболиғони ҷинси зан мутобиқи қисми 7 моддаи 87 КҶ адои ҷазо дар колонияҳои тарбиявии дорои низоми умумӣ таъин карда мешавад.

Ба ноболиғони ҷинси марде, ки қаблан ҷазои маҳрум сохтан аз озодиро адо намудаанд, адои ҷазо дар колонияҳои тарбиявии дорои низоми пурзӯр таъин карда мешавад.

Мутобиқи қисми 1 моддаи 147 КИҶҶ маҳкумшудагоне, ки ба синни ҳаждаҳсолагӣ расидаанд, чун қоида дар колонияҳои тарбиявӣ нигоҳ дошта мешаванд, вале на бештар аз муҳлати ба синни бистсолагӣ расидани онҳо.

Агар маҳкумшуда ба синни ҳаждаҳсолагӣ расида бошаду дар ҷойҳои маҳрумӣ аз озодӣ манфӣ тавсиф дода шавад, суд дар асоси пешниҳоди сардори колонияи тарбиявӣ тибқи талаботи қисмҳои 1 ва 2 моддаи 148 КИҶҶ дар бораи гузаронидани ӯ барои адои минбаъдаи маҳрум сохтан аз озодӣ ба колонияҳои ислоҳии дорои низоми умумӣ ё пурзӯр (агар қаблан маҳкумшуда ҷазои маҳрум сохтан аз озодиро адо намуда бошад) қарор қабул менамояд.

Суд ҳангоми баррасии масъалаи ба мақсад мувофиқ будани аз колонияи тарбиявӣ ба колонияи дорои низоми умумӣ ё пурзӯр гузаронидани маҳкумшудае, ки ба синни ҳаждаҳсолагӣ расидааст ва манфӣ тавсиф дода мешавад, рафтори ӯро мавриди адои ҷазо дар колонияи тарбиявӣ ва таъсири манфии ӯ нисбат ба ноболиғоне, ки дар колонияи тарбиявӣ қарор доранд, бояд ба инобат гирад.

Гузаронидани маҳкумшуда аз колонияи тарбиявӣ ба колонияҳои ислоҳии дорои низоми умумӣ ё пурзӯр аз ҷониби суд тибқи моддаҳои 397, 400-401 КМҶ сурат мегирад.

17. Дар ҳолати гузаронидани маҳкумшуда барои адои минбаъдаи ҷазо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон адои ҷазо дар муассисаи ислоҳӣ тибқи ҳукми суди

давлате, ки маҳкумшударо месупорад, сурат мегирад. Давлати иҷрокунандаи ҳукм давоми адои ҷазоро тибқи қонунгузории худ бо бадтар накардани вазъи маҳкумшуда (моддаи 12 Конвенсияи дар бораи додани шахси ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкумгардида ҷиҳати адои минбаъдаи ҷазо аз 6 марти соли 1998) таъмин менамояд.

18. Ҳангоми аз ҷониби суди марҳилаи якум нодуруст таъин кардани намуди сахттари муассисаи ислоҳӣ нисбат ба намуди муассисаи пешбининамудаи қонун ё дар ҳолати таъин накардани намуди муассисаи ислоҳӣ, суди болоӣ парвандаро дар марҳилаҳои кассатсионӣ ё назоратӣ баррасӣ намуда, нисбати маҳкумшуда адои ҷазоро дар муассисаи ислоҳӣ тибқи муқаррароти қонун таъин менамояд.

Аз матни моддаҳои 378 қисми 1 ва 413 қисми 2 КМҶ бармеояд, ки суд дар вақти ба тариқи кассатсионӣ ва назоратӣ баррасӣ кардани парванда ҳуқуқ надорад, ки ҷазоро пурзӯр намояд ва ҳамчунин қонуни ҷиноятии вазнинтарро татбиқ кунад.

Аммо дар сурати нисбати маҳкумшуда таъин кардани намуди сабуктари муассисаи ислоҳӣ нисбат ба намуди муассисаи пешбиннамудаи қонун бе зикри асосҳои қабули чунин қарор дар ҳукм, суди марҳилаи кассатсионӣ аз рӯи эътирози прокурор ё шикояти ҷабрдида, ҳамчунин суди марҳилаи назоратӣ дар муддати як сол аз рӯзи эътибори қонунӣ пайдо намудани ҳукм, метавонад ҳукмро дар ин қисм тағйир дода, намуди муассисаи ислоҳиро мутобиқи талаботи моддаи 58 КҶ таъин намояд.

Судҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки ин ҳолати ягона ва истисноӣ мебошад, ки суди марҳилаҳои кассатсионӣ ва назоратӣ парвандаро ба баррасии нави судӣ равон накарда, метавонад қонуни ҷиноятии вазнинтарро татбиқ намояд.

Агар пас аз эътибори қонунӣ пайдо намудани ҳукм муайян гардад, ки нисбат ба маҳкумшуда намуди муассисаи ислоҳӣ таъин карда нашудааст, он гоҳ суде, ки ҳукмро баровардааст ё суди маҳалли адои ҷазо ба тариқи пешбининамудаи моддаҳои 400 ва 401 КМҶ дар асоси моддаи 58 КҶ ё қисми 7 моддаи 87 КҶ намуди муассисаи ислоҳиро, ки дар он ҷо маҳкумшуда минбаъд ҷазоро бояд адо намояд, таъин мекунад.

19. Ба коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ, Коллегияи ҳарбии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, суди ВМКБ, судҳои вилоят ва шаҳри Душанбе тавзеҳот дода шавад, ки ҳангоми ба тариқи кассатсионӣ ва назоратӣ баррасӣ намудани парвандаҳо ба дурустии таъини намуди муассисаҳои ислоҳӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, таҷрибаи аз ҷониби судҳо таъин кардани намуди муассисаҳои ислоҳиро мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор диҳанд.

**Раиси Пленум,**
**Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Абдуллозода Н.**

**Котиби Пленум,**
**Судяи Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Ҳакимова С.А.**